УСТОДИ ФАЛАК ТАРКИ ФАЛАК ГУФТ! с.13

10 ҚАРЗДОРИ КАЛОН АЗ АНДОЗ с.3

“ТОЛИБОН” КИРО ҲУШДОР МЕДИҲАНД? с. 4

ТОҶИКИСТОН

№8 (1571), 21.02.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ОЁ ҚАТАР БОЗИГАРИ НАВ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ АСТ?



ДАР ИН ШУМОРА:

ҚАТЛИ ХОИН
Халабоне, ки боиси марги ҷавони тоҷик гардид, кушта шуд с.11

ЭЛЕКТРОМОБИЛ
Воридот зиёду нарх осмонӣ с.3

20 МЛН ДОЛЛАР
Президент онро чӣ гуна ба даст оварад? с.4

ПОЙТАХТ
Мозайкаи “Шашмақом” ҳифз мешавад? с.5

АРТИШИ ТОҶИКИСТОН
Рейтинги он дар раддабандии ҷаҳонӣ 7 зина боло шуд с.10

ЛИДЕРОНИ ФАСОД
Султонзода онҳоро номбар кард с. 5

МУКОФОТ 30 ҲАЗОР
“Як такси” ҷавонеро меҷӯяд… с.11

КАНЗИ ШИФО
7 роҳи фирор аз сактаи дил с.12

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: **Ҳайати кормандони ҳафтанома**

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
21 000 нусха.

САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ БА ҚАЗОН

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Қазони Федератсияи Русия сафар кард.

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, дар ин сафар Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазир, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, вазирони саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиш ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ доранд.

Дар ҳамин маврид дафтари матбуоти Кремл хабар дод, ки барои иштирок дар маросими ифтитоҳи мусобиқаи байналмилалии "Бозиҳои оянда" тамоми сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва як қатор давлатҳои дигар ба Қазон омадаанд. Дар баробари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарони давлатҳои Беларус Александр Лукашенко, Қирғизистон - Содир Ҷабборов, Қазоқистон - Қосим-Ҷомарт Тоқаев ва Ӯзбекистон - Шавкат Мирзиёев дар ин мусобиқа ширкат хоҳанд кард.

Маросими ифтитоҳи нахустин "Бозиҳои оянда" 21-уми феврал дар Қазон баргузор мешавад ва зӯрозмоиҳо то 3-юми март идома меёбанд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 35 варзишгар муаррифӣ мекунанд.



БОЗ 1,11 КМ ХАТИ САРҲАД МУВОФИҚА ШУД

Рӯзҳои 11-18-уми феврали соли 2024 дар шаҳри Бӯстон вохӯрии навбатии гурӯҳҳои кории топографӣ ва корӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ баргузор гардид.

“Дар доираи вохӯрӣ ҷонибҳо дар минтақаҳои боқимонда корҳои муштараки саҳроӣ гузаронида, дар натиҷа 1,11 км гузариши хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистонро мувофиқа намуданд”,- иттилоъ медиҳад Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ин дуюмин мулоқоти гурӯҳи кории Тоҷикистону Қирғизистон дар соли 2024 аст. Мулоқоти пешин аз 10 то 15-уми январи соли 2024 дар шаҳри Бодканди Қирғизистон баргузор шуд ва зимни он 38,35 км сарҳади давлатӣ мувофиқа шуд.

Дар умум, мақомоти расмии ду кишвар таъкид мекунанд, ки давоми бештар аз чор моҳи охир 196 км хати сарҳади давлатӣ муайяну мувофиқа шудааст.

ПАРЛУМОН МУҲЛАТИ АФВИ БОИГАРИРО ТАМДИД КАРД

Муҳлати амали Қонун “Дар бораи афв бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” бори сеюм ва барои як соли дигар дароз карда шуд.

Он то 5-уми январи соли 2025 амал хоҳад кард. Лоиҳаи тарҳи тамдиди қонун 19-уми феврал дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи панҷуми парлумон аз ҷониби вакилон қабул шуд.

Қонун эълони ихтиёрии маблағ ва амволро талаб мекунад. Моликони дороиҳое, ки қонунӣ гардонида мешаванд, ба таври худкор аз ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ озод мешаванд.

Гуфта мешавад, ки дар замони амали қонуни мазкур (моҳи августи соли 2021) то 5-уми январи соли 2024-ум 5,9 миллиард сомонӣ қонунӣ гардида, 4 ҳазор шаҳодатнома дода шудааст.

1 МИЛЛИОНУ 500 ҲАЗОР СОМОНӢ БАРОИ ҲУНАРМАНДОНИ ТОҶИК

Барои дастгирии ҳунармандони тоҷик 60 грант ба маблағи 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷудо шуд.

Дар ин бора 18-уми феврали соли равон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Аз соли 2024 то соли 2026-ум 60 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ ба андозаи 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ таъсис дода шуд, аз ҷумла: дар соли 2024 - 20 грант ба андозаи 500 ҳазор сомонӣ, дар соли 2025 - 20 грант ба андозаи 500 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2026 - 20 грант ба андозаи 500 000 ҳазор сомонӣ.

Грантҳо ба ҳунармандоне ҷудо карда мешаванд, ки лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи онҳо ба рушди фаъолияти ҳунармандӣ, ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар самтҳои ҳунармандӣ, омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ, навоварӣ ва ташаббускорӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, омӯзишу тарбияи шогирдон ва таъсиси мактаби ҳунармандӣ нигаронида шуда, фаъолияти муназзами минбаъдаи худро таъмин карда тавонанд.

САРИ САБЗ



Муҳаррама ШАРИФОВА, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Ман ҳамеша муқобили ин гуфтаам, ки мегӯянд нотакророн нестанд. Нотакророн вуҷуд доранд. Ҷойи устодони санъати моро касе гирифта наметавонад. Онҳо бо вуҷуди набудани техникаву технологияи нави сабт хеле олӣ ва шуниданӣ месароиданд.

- Рост мегӯед, сад фоиз. Нотакророн ҳастанд. Ҷойи бисёр ситораҳои имрӯзаро ҳам, ки зери садои техникаву технологияи нав ҷунбон-ҷунбон месароянд, касе гирифта наметавонад.



Умедҷон АМОНӢ, магистрант дар риштаи сиёсатшиносӣ

- Дар оянда мехоҳам ҳамчун Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии исломии Эрон ба хидмати халқи худ бипардозам. Чун ин қаламрави бузургон аст ва хоки он муқаддас мебошад. Зеро дар хоки он бӯйи шеъри Фирдавсиву Ҳазрати Ҳофиз инъикос мегардад.

- Як бори дигар хубтар бӯй кашед, шояд бӯйи шеъри Фирдавсиву Ҳазрати Ҳофиз дар хоки мо бештар ба машом расад. Зеро, хоки мо ҳам муқаддасу қаламрави бузургон аст.



Шоиста АБДУНАЗАРЗОДА, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар

- Соҳаи маорифи шаҳрро дар бештари солҳо бонувони маорифчӣ бар зимма доштанд, ки ин аз бобариву эътимоди роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ба неруву тавонмандии бонувони омӯзгор шаҳодат медиҳад.

- Воқеан, бояд ҳамин хел ҳам бошад. Зеро Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар бовар дорад, ки маоши соҳаи маориф мардонро қонеъ карда наметавонад.

ОЁ ҚАТАР БОЗИГАРИ НАВ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ АСТ?

Дар муддати як моҳи охир Раисҷумҳури кишвар Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба аз кишвари Қатар бо сафари давлатӣ (21-22-юми январ, ки нахустин сафари хориҷӣ дар соли 2024 аст) ва корӣ (17-уми феврал) боздид карданд.



Дар ҳарду сафар дидору гуфтушунид бо Амири ин кишвар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ баргузор гардид. Дар фосилаи кӯтоҳ ду маротиба сурат гирифтани сафари Пешвои миллат ба як кишвари хориҷа камсобиқа будааст.

Шароити мазкур самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ба намоиш мегузорад, ки паёмадҳои муайянро барои кишвар ва минтақа дошта метавонад. Аз рӯйи иттилои сомонаи ВКХ, аввалин сафари роҳбари як кишвари арабӣ ба Тоҷикистон - сафари расмии Амири Давлати Қатар Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ дар моҳи августи соли 2007 будааст. Аз ин рӯ, баррасии роҳбурди Қатар дар самти Осиёи Марказӣ баъзе равандҳои минбаъда ва фаргашти сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаро намоён мекунад.

Омили Қатар дар Осиёи Марказӣ

Дар 15 соли охир ҳамкориҳои Қатар бо кишварҳои Осиёи Марказӣ афзоиш ёфта, дар солҳои 2022-2024 густурда ва бесобиқа мегардад. Дар ду соли охир ҳамаи саронӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Қатар сафари давлатӣ анҷом доданд. Дар моҳи июни соли 2023 Амири Қатар низ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ боздид кард. Арзёбии сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа нишон медиҳад, ки дар ин муддат чунин муносибатҳо танҳо бо Қатару Озарбойҷон (баррасии сиёсати минтақавии ин кишвар арзандаи таҳлили алоҳида аст) шакл гирифтанд. Давҳа назар ба Боку тавонист фаъолтар бошад ва гуфтушуниди пайдарпайи сатҳи олиро ба роҳ монад. Вижагии ҳарду кишвар дар он аст, ки бо давлатҳои Осиёи Марказӣ гардиши тиҷории густарда надоранд, вале робитаҳои сиёсии наздикро роҳандозӣ кардаанд.

Дар умум, панҷ омил ба густариши робитаҳои Қатар бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат кардааст:

Якум, моҳи сентябри соли 2022 қолаби нави “Осиёи Марказӣ- Кишварҳои арабии Халиҷи Форс” ба миён омад. Баъди 10 моҳ - 19-уми июли соли 2023 нишасти саронӣ кишварҳои ин қолаб дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ баргузор гардид. Бояд гуфт, ки робитаҳои Қатар ва Арабистони Саудӣ ҳамвор нестанд ва чанд сол пеш бухронӣ шуда буданд. Аз ин рӯ, эҳтимоли бо якдигар рақобат кардани Давҳа ва Ҷидда дар минтақа зиёд буда, дар ояндаи наздик Арабистони Саудӣ роҳбурди нави худро дар Осиёи Марказӣ муаррифӣ хоҳад кард.

Дуюм, яке аз омилҳои калидӣ - ҷалби сармояи Қатар ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки ҳадафи асосии робитаҳои имрӯзаро ташкил медиҳад. Таҳлили иттилои расмӣ аз натиҷаҳои бозидиди роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Қатар маълум мекунад, ки ҳама манфиатдори ҳамкориҳои наздики тиҷорию сармоягузорӣ мебошанд. Дар марҳилаи наздик ба эҳтимоли зиёд ҳузури иқтисодӣ ва сармоягузории Қатар дар минтақа афзоиш меёбад, чун созишҳои заминавӣ дар ин самт аллакай ба имзо расидаанд.

Сеюм, Қатар аз кишварҳои ҳомии Толибон ба шумор меравад. Ҳокимони имрӯзаи Афғонистон то бозгашти худ ба қудрат дар Давҳа дафтари расмӣ доштанд. Толибон он замон ва имрӯз низ аз имконоти фароҳамовардаи Қатар барои роҳандозии гуфтушунид бо кишварҳои дигар фаровон истифода мекунанд. Имрӯз Қатар нақши миёнаравро миёни Толибон ва дигар кишварҳо бозӣ мекунад ва ин миёнҷигарии Давҳа муваффақ ҳам будааст.

(Давомаш дар саҳ.4)



10 ҚАРЗДОРИ КАЛОНТАРИН АЗ АНДОЗ

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 бақияи қарзи андоз 647,6 млн сомонӣ (ҳудуди 60 млн доллар)-ро ташкил медиҳад. Дар ин бора раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ Нусратулло Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Калонтарин қарздорон инҳоянд:

- корхонаҳои зертобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Тоҷикистон - 83,8 млн сомонӣ;

- корхонаҳои зертобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” - 73,2 млн сомонӣ;

- ҶСК «Шабакаҳои тақсимот» - 67,4 млн сомонӣ;

- ҶСК «Тоҷиктелеком» ва корхонаҳои зертобеи он - 37,8 млн сомонӣ;

- Кони ангишти «Зиддӣ» - 23,6 млн сомонӣ;

- ҶСК «Алюминсохтмон» - 20 млн сомонӣ;

- ҶСК «Ангишт» - 9 млн сомонӣ;

- ҶСК «Шабакаҳои интиқол» - 8,2 млн сомонӣ;

- ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» - 8 млн сомонӣ;

- КВД «Хидматрасонӣ ба нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд» - 7,8 млн сомонӣ.

ЯК ХАБАРУ ДУ НАЗАР



Хуршед КАРИМЗОДА, раиси Хадамоти гумруки Тоҷикистон

ЭЛЕКТРОМОБИЛ. ВОРИДОТ ЗИЁД, ВАЛЕ НАРХ ГАРОН

Давоми соли 2023 воридоти электромобилҳо ба Тоҷикистон ба маротиб афзоиш ёфтааст, ки Тоҷикистонро барои татбиқи сиёсати “иқтисоди сабз” як қадам наздиктар мекунад. Зеро мошинҳои куҳнаи хориҷӣ, ки асосан дар Тоҷикистон мавриди истифода ҳастанд, яке аз сабабҳои олуда шудани ҳаво ба ҳисоб мераванд. Аммо бо вуҷуди афзоиши воридот, сокинон мегӯянд, ки нархи электромобил ҳанӯз ҳам барояшон миёншикан аст.



Самариддин ҶАЛИЛОВ, ронанда

Давоми соли гузашта наздики сеюним ҳазор мошини баркӣ ба кишвар ворид шудааст. Ин теъдод мошинҳои баркӣ ба маблағи бештар аз 58 миллион доллар ворид шуда, нисбат ба соли 2022-юм 2558 адад зиёд аст. Давра ба давра воридоти чунин мошинҳо зиёд мешавад.

Мошинҳои электронӣ асосан аз тарафи шахсони воқеӣ ворид шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки аввали соли 2022 парлумони Тоҷикистон воридоти нақлиёти баркиро ба муҳлати 10 сол аз боҷи гумрукӣ озод кард. Воридоти нақлиёти баркӣ ҳамчунин аз андози арзиши иловашуда ва аксиз озод аст.

Ин ба талаби Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байналмилалӣ мувофиқ аст, ки Тоҷикистон бештар ба самти “иқтисоди сабз”, яъне безарар барои муҳити зист ҳаракат кунад.

Ман маҷбурам, ки электромобил харидорӣ кунам, зеро ронандаи таксӣ ҳастам. Қарор аст, ки ҳама ширкатҳо ба электромобил гузаранд. Ман 3 сол қарзи мошинамро пардохт кардам. Акнун маҷбурам, ки 5 соли дигар қарзи электромобилро диҳам. Нархи электромобилҳо аз 200 то 300 ҳазор сомонӣ аст.

Албатта, агар арзонтар бошад, электромобил ҳазор маротиба беҳтар аз мошини бензинӣ аст. Дар 50 сомонӣ барқ мемонӣ, аз 200 то 250 километр мегардӣ.

Чанде пеш гуфтанд, ки дар Душанбе заводи электромобил месозанд. Умедвор будем, ки нархи он арзон мешавад, аммо ба хаёлам ин нақша амалӣ нашуд. Агар барои мо сабукӣ дода шавад, барои харидани электромобил имтиёзҳо диҳанд, хуб мешавад.



Bloomberg

Доналд Трамп, президенти собиқи ИМА гуфтааст, ки дар сурати пирӯзиаш дар интихоботи оянда ба Русияву Украина фишор меорад, то ҷангро бас кунанд.

Трамп ният дорад, ки ба Украина фишор биёрад, то сари мизи музокирот бо Русия шинад, вагарна фиристодани аслиҳаро қатъ мекунад. Ӯ ҳоло вакилони Ҳизби чумҳурихоҳро дар Конгресс ташвиқ дорад, ки бастаи кумак ба Украинаро тасвиб накунанд. Ӯ гуфтааст, ки ба Русия мегӯяд, ки агар ҷангро бас накунад, ИМА ба Украина бештар кумак мекунад, таҳримотро бар зидди Русия меафзояд.



CABAR

Содир Ҷабборов - президенти Қирғизистон сармояи худро дар доираи қонуни авф ба маблағи 20 миллион доллар қонунӣ кард.

Гуфта мешавад, ки президент дар хориҷи кишвар сармоя надоштааст. Ҷабборов гуфтааст, ки қисме аз дороиҳояш ба номи дигарон сабт шуда буданд ва дар асоси қонуни нав ӯ онҳоро ба номи худ кардааст. Қонун дар бораи афви моликият ва дороиҳо дар Қирғизистон соли 2023 қабул шуд, то ки сарватмандони қирғиз сармояи худро дар хориҷа захира накунанд.



Медиазона

Юлия Навалная, ҳамсари Алексей Навалний, президенти Русия Владимир Путинро дар марги шавҳараш гунаҳкор кардааст.

Алексей Навалний, раҳбари зиндонии мухолифони Русия, ба гуфтаи мақомоти ин кишвар, рӯзи 16-уми феврал даргузашт. Ҷасади ӯро ҳанӯз ба пайвандонаш надодаанд. Мақомоти Русия гуфтаанд, ки тафтиши марги ӯ идома дорад, вале масъалаи кай супоридани ҷасад дар ихтиёри онҳо нест.

ФАРОМӮШ НАХОҲЕМ КАРД!

“Толибон” киро ҳушдор медиҳанд?

Вазири муҳоҷирати ҳукумати "Толибон" бе бурдани номи кишваре ба давлатҳои "мизбон ва ҳомӣ"-и мухолифони ин гурӯҳ ҳушдор дод, ки "Толибон" хусумати онҳоро фаромӯш нахоҳанд кард".



“Тулуъ”, як нашрияи бонуфузи Афғонистон менависад, ки рӯзи 15-уми феврали соли 2024 дар ҷамъомаде, ки бахшида ба муносибати 35-умин солрӯзи хуруҷи артиши Шӯравӣ аз Афғонистон доир гардид, Халил-ур-Раҳмон Ҳаққонӣ, вазири муҳоҷирон ва узви аршади шабакаи "Ҳаққонӣ" гуфтааст, ки "душманони "Толибон" дар ҳар ҷое, ки бошанд, ҳадаф қарор хоҳанд гирифт".

Дар идомаи суҳбатҳояш ин мансабдори воломақоми "Толибон" ва узви шабакаи тундрави "Ҳаққонӣ", ки дар гузашта хунинтарин амалҳои террористиро дар дохили Афғонистон, аз ҷумла дар донишгоҳҳову беморхонаҳо анҷом дода буданд, таъкид кард, ки "агар касе бо мо мухолифат ва душмании фикрӣ, расонаӣ, низомӣ, сиёсӣ ва молӣ мекунад, мо бо ӯ ҳисобу китоб мекунем".

Халил-ур-Раҳмон Ҳаққонӣ амаки раҳбари шабакаи Ҳаққонӣ ва вазири корҳои дохилии ҳукумати "Толибон" Сироҷиддин Ҳаққонӣ аст.

ИҚТИБОС АЗ МАРКС ДАРДИ САРИ РЕКТОР ШУД

Як иқтибос аз Карл Марк боиси он шуд, ки Вазорати корҳои хориҷии Русия ба сафири Ӯзбекистон дар ин кишвар нота бидиҳад.

Фергана.

Вазорати корҳои хориҷии Русия рӯзи 14-уми феврали соли 2024 сафири Ӯзбекистон дар Маскав Ботирҷон Асадовро дар робита ба як суханронии ҷанҷолбарангези Шерзод Қудратхоҷа, ректори Донишгоҳи журналистика ва иртибототи оммавӣ ва раиси Анҷумани миллии матбуоти Ӯзбекистон эҳзор карда, ба ӯ нота, яъне ёддошти расмии эътирозӣ супурд.

Шерзодхон Тоҷиддин уғлӣ Қудратхоҷа рӯзи 13-уми феврал дар мусоҳиба бо як блогери маҳаллӣ онҳоеро, ки баъди заминларзаи харобиовари соли 2016 барои барқарор кардани шаҳри Тошканд ба пойтахти Ӯзбекистон омада, дар ин ҷо монданд, вале дар тӯли ин қадар сол забони ӯзбекиро ёд нагирифтанд, интиқод кард. Ӯ аз Карл Маркс иқтибос оварда, гуфт: “Забони кишвареро, ки онҷо зиндагӣ доранд, танҳо ду тоифа



ёд намегиранд: ё ишғолгарон ва ё беақлҳо”. Шерзод Қудратхоҷаев хитоб ба русзабонҳои муқими Ӯзбекистон, ки забони ӯзбекиро намедонанд, гуфт: “Акнун онҳо бояд худашон интихоб кунанд, ки кистанд: ишғолгар ё беақл?”.

Дар Вазорати корҳои хориҷии Русия ба сафири Ӯзбекистон гуфтаанд, ки "мазмун ва лаҳни чунин баёнияҳо комилан хилофи муносибатҳои мушорикати стратегӣ ва иттифоқчигиест, ки Русияву Ӯзбекистонро пайванд медиҳанд”.

ОЁ ҚАТАР БОЗИГАРИ НАВ ДАР ОМ АСТ?

(Аввалаш дар саҳ.3)

Беҳбуд ёфтани муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Толибонро натиҷаи миёнҷигарии Қатар метавон арзёбӣ кард. Чун даъвати раисҷумҳури Қазоқистон перомуни аз листи созмонҳои террористӣ берун кардани Толибон, ки дар Давҳа садо дод, соярӯшанҳои сиёсати нави Остона нисбат ба ин ҳаракатро маълум мекунад. Ба эҳтимоли зиёд маҳз мусоидати Қатар сабаб шуд, ки Қазоқистон бар ивази бозорёбӣ ба молу маҳсулоти худ - моҳи декабри соли 2023 Толибонро аз листи созмонҳои мамнуъ берун кунад.

Чорум, кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати хориҷии бисёрсамтиро роҳандозӣ мекунанд ва бо панҷ қудрати бонуфуз (Русия, Чин, Ҳинд, Покистон ва Эрон) ҳамсояи бевосита ва девордармиён мебошанд. Ҳамаи ин қудратҳо дар сатҳҳои гуногун таъсиру нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитариро дар Осиёи Марказӣ доранд. Аз ин дидгоҳ, густариши робитаҳо бо ҳамаи бозигарони хостори густариши робитаҳо ба нафъи сиёсати хориҷии бисёрсамтии кишварҳои минтақа мебошад. Чун фурсатро барои дар тавозун нигаҳ доштани таъсиру нуфузи қудратҳои беруна фароҳам меорад. Формулаи мувофиқи расидан ба чунин натиҷа - афзоиши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷорӣ бо кишварҳоест, ки дорои манфиатҳои мустақими роҳбурдӣ дар минтақа нестанд. Айни замон ба унвони чунин шарики беруна Қатар нақш бозида метавонад.

Панҷум, дар доираҳои коршиносӣ рӯйкарди Қатар дар Осиёи Марказиро идомаи сиёсатҳои ИМА мешуморанд. Чун Вашингтон бо истифода аз имконоти молиявию сармоягузории Давҳа ва афзоиши он ба иқтисоди кишварҳои минтақа кӯшиш дорад нуфузи иқтисодии Чин ва Русияро коҳиш диҳад. Дар пасманзари фаргашти эҳтимолии сиёсати ҷаҳонӣ ва рақобатҳои ИМА бо Чин дар сатҳи аввал ва бо Русия дар сатҳи дуюм - афзоиши ҳузури Қатар ва дигар шарикони Вашингтон аз НАТО дар Осиёи Марказӣ меъмории геосиёсии минтақаро дигар карда метавонад. Мавзуи мазкур баррасии васеъро талаб мекунад, чун чандин сенарияҳои рушди эҳтимолии вазъ падидор мешаванд.

Дар умум, густариши ҳузури Қатар дар Осиёи Марказӣ ва васеъ гардидани робитаҳои Давҳа бо Остонаю Бишкеку Душанбеву Ашқободу Тошканд боиси такмилу тағйири рӯйкарди қудратҳои дигари бузург ва минтақавӣ шуда метавонад. Бинобар ин, ба эҳтимоли зиёд дар соли 2024 мо шоҳиди падидор шудани фурсатҳои нав барои сиёсати хориҷии бисёрсамтии кишварҳои минтақа мегардем, ки ҳамчунин, чолишҳои муайянро низ дар пай дошта метавонад.

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

▸▸ *Шаҳрдорӣ*

“ШАШМАҚОМ” ҲИФЗ МЕШАВАД?



Мозайкаи “Шашмақом”



Бинои собиқи ТВ “Сафина”

Ширкате, ки дар ҷойи бинои собиқи ТВ “Сафина” маркази тиҷоратӣ месозад, ваъда кардааст, ки мозайкаи “Шашмақом”-ро ҳифз хоҳад кард.

16-уми феврал дар нишасти матбуотии шаҳрдории Душанбе масъалаи мозайкаи “Шашмақом” матраҳ шуда буд. Азизиён Самӣ Солӣ, сардори Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ин маврид чунин изҳори назар кард: “Масъалаи мозайкаи “Шашмақом” бевосита мавриди таваҷҷуҳи раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ қарор дорад. Феълан, бо иштироки мутахассисон аз Русия, Академияи меъмории Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ин масъала дар ҳоли баррасӣ аст”.

Намояндаи ширкати сохтмонӣ ба «Азия-Плюс» гуфтааст: “Мо дида истодаем, ки аҳли ҷомеа нисбат ба тақдири мозайка нигаронӣ мекунанд ва хуб мефаҳмем, ки ҳар як сангу ҳар як пораи мозайка қисмате аз таърихи фарҳанг аст. Бо дастури шаҳрдори Душанбе тасмим гирифта шуд, ки он боқӣ мемонад ва ҳоло бо мутахассисони аврупоӣ дар соҳаи таъмиру барқарорсозӣ музокирот идома дорад. Онҳо бо рияои тамоми чорабиниҳои эҳтиётӣ мозайкаро барканда, барқарор ва дар ҳудуди маркази тиҷоратӣ, ки дар ҷойи бинои собиқи телевизиони «Сафина» бунёд шуда, пули байни гузашта ва оянда мегардад, насб мекунанд”.



Маркази нави тиҷоратӣ, ки дар ҷойи ТВ “Сафина” бунёд мешавад

Мозайка ё фрески сангини “Шашмақом” аз ҷониби рассом Асрор Аминҷонов соли 1976 офарида шудааст. Онро мутахассисон яке аз шоҳкориҳои ҳунари мозайкаофарӣ медонанд. Ин асар девори бинои собиқи ТВ “Сафина”-ро зеб медод.

Худи ин бинои собиқи ТВ “Сафина” соли 1933 аз рӯи лоиҳаи меъмор Сергей Кутин сохта шуда, аввалин кинотеатри зимистонаи ба номи Горкий дар Душанбе буд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ин ҷо “Союздетфилм” ва киностудияи Тоҷикистон ҷойгир шуда буданд. Баъдан солҳо ин бино ба сифати Филармонияи давлатии Тоҷикистон ва баъдан ҳамчун Хонаи кино фаъолият кард. Соли 2005 дар ин бино ТВ “Сафина” ҷой гирифт.

Ёдовар мешавем, ки соли гузашта ТВ “Сафина” ба бинои нав кӯчид. Бинои навро бар ивази ҷойи бинои куҳна ширкати "Тоҷикгидроэлектромонтаж", ки яке аз пудратчиёни асосии нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аст, бунёд кард. Ҳафтаи равон атрофи бинои куҳнаи “Сафина” печонида шуд. Қарор аст, ки ин ширкат дар он ҷо бинои нову замонавӣ бисозад.

Д. ҚОДИРПУР

▸▸ *Инфографика*



АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Қарзи давлатии Тоҷикистон ба ҳолати аввали соли равон дар маҷмуъ ба 3,6 млрд доллар баробар шудааст.

Вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки дар таркиби қарзи давлатӣ 3,2 млрд доллар қарзи берунӣ ва 400 млн долларро қарзи дохилӣ ташкил медиҳад.

Файзиддин Қаҳҳорзода таъкид намуд, ки ҳаҷми қарзи хориҷии кишвар дар сатҳи бехатар қарор дорад. Ӯ гуфт, қарзи умумии давлатӣ ба ҳудуди 30%-и ММД ва қарзи хориҷӣ наздики 27%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.



Дар Тоҷикистон талоқ камтару издивоҷ бештар шудааст.

Саодатбибӣ Сироҷзода, сардори Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Тоҷикистон хабар дод, ки соли 2023 дар ҷумҳурӣ 473 ҳазору 841 шаҳодатномаи ақди никоҳ дода шудааст, ки 9 ҳазору 663 адад ё худ 2% зиёдтар нисбат ба соли 2022 мебошад. Аз ҷумла, дар кишвар 109 ҳолати ақди никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст. Шумораи ҳодисаҳои ҷудошавии оилаҳо 26% кам шудааст.



Дар Тоҷикистон соли 2023 ҳолатҳои коррупсионӣ бештар дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ошкор шудааст.

Дар ин бора сардори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода хабар дод. Дар ин сохторҳо 240 ҷиноят аз ҷониби 129 нафар содир гардидааст. Дар идома соҳаи маориф ва илм қарор дорад, ки дар ин бахш аз ҷониби 87 нафар 181 ҷиноят содир шудааст. Дар зинаи сеюм соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ қарор дорад, ки 152 ҷиноят аз ҷониби 72 корманди соҳа сабт шудааст.

Гӯшаи нави **“ПОЙТАХТ”** дар ҳафтаномаи **“ТОҶИКИСТОН”** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 93-111-08-61

Ободонӣ

РОҲҚУШОРО ДИЛКУШОДӢ РОИҶ АСТ

Кормандони IRS дар баробари нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ, инчунин дар ниҳолшинониву дигар корҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист фаъоланд.



Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, зиёда аз 40 қонун ва барномаи давлатӣ таҳия, қабул, ҷонибдорӣ гардида ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Иштироки Пешвои миллат дар маъракаҳои ниҳолшинонӣ ва ба корҳои ободонию созандагӣ, сабзу хуррамгардонии кӯчаю маҳал, хиёбон, манзилҳои зист, беҳдошти муҳити атроф, бунёди боғҳои дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ҳидоят намудани аҳолӣ, инчунин муроҷиати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати ба «Шаҳри сабз» табдил додани пойтахти мамлакат намунаи олии ташаббускорӣ дар ин бобат маҳсуб мешавад.

Табиист, ки ин амалҳои нек дар ташаккули шуури экологии ҷомеа саҳми арзанда гузошта, барои фаъол гардидани дигарон дар ин самт мусоидат менамоянд. Баҳри ҳамовозӣ ба ибтикори зикршуда кормандони IRS бо баргузории шанбегиҳо дар масири роҳи Душанбе - Чаноқ теъдоди зиёди дарахтони ороишӣ ва сояафкан шинонида, саҳми худро дар сарсабзу хуррамгардонии кишвари азизамон гузоштанд.

Илова бар ин, дар доираи дигар чорабиниҳои ба ҳифзи муҳити зист дахлдошта кормандони IRS дар Варзоб, Зарафшон ва Суғд минтақаҳои дахлдорро аз партов тоза намуда, атрофи дарахтони мавҷударо нарм карданд.



Муҳимтар аз ҳама, ин амали нек як рукни фаъолияти кормандони IRS маҳсуб шуда, ҳамон тавре масъулин таъкид карданд, минбаъд низ идома меёбад.

Ба таваҷҷуҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФАННИ СУХАНВАРИРО БАРГАРДОНЕД!

Нутқ ва навишти тоҷикон, хоса дар даҳсолаҳои охир ба дараҷаи ташвишовар ва фалокатбор омада расидааст; лаҳзае ба суҳбати кӯчагии ҷавонони Душанбе гӯш додан ва навиштаҳои "Фейсбук"-ро аз назар гузаронидан басанда аст, ки ба ин бовар кунед.



Бо мақсади ислоҳи вазъ аз дастандаркорон хоҳиш мекунам, ки фанни "Суханварӣ"-ро аз нав дар мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олии равияи гуманитарӣ ҷорӣ намоянд. Мувофиқи нақша ин фан дар соли таҳсили 1994-95 ҷорӣ шуда, то соли 1999-2000-ум пешбинӣ гашта, ҳадаф аз он иборат буд, ки "хонандагон бо унсурҳои оддии санъати суханварӣ ошно шаванд, бе коғаз ҳарф зада тавонанд", ҳамчунин, як забони "гуфтугӯии умумихалқӣ"-и тоҷикӣ барқарор гардад. Аз он замон дида ҳоло "шароит бештар тақозо дорад, ки рукнҳои асосии ин фан... омӯзонида шаванд". Зеро имрӯз ба ҷорӣ намудани фанни "Суханварӣ" талаботи бештари ҷамъиятӣ ба миён омадааст. Ҳунари суханварӣ - ин инкишоф додани маданияти нутқи шифоҳӣ ва хаттии одамон аст, он таҳияи асноди расмӣ-коргузориро низ меомӯзад.

Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА,
собиқадори соҳаи маориф

Пешниҳод

ГРАНТ БАРОИ ЧОПИ КИТОБ ЧАРО ВУҶУД НАДОРАД?

Инак Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ дар солҳои 2024-2026» ба имзо расид, ки метавонад дар рушди ҳунармандӣ нақши арзанда гузорад.

Хеле хуб мешуд, агар чунин грантҳо барои дастгирии адибон (шоирону нависандагон) низ таъсис меёфт. Агар чунин фонде мавҷуд бошад, ҳам адабиёт рушд мекунад ва ҳам барои адибон дастгирӣ мешавад. Онҳо аз ин ҳисоб метавонанд ақаллан китобҳои худро чоп кунанд. Зеро алъон яке аз мушкилоти асосии адибони мо - ин дарёфти маблағ барои чопи китоб аст.

Ё чунин фонд ҳасту мо аз он хабар надорем?

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА,
нависанда

ДИҚҚАТ! ОЗМУН!

“ДОСТОНИ ТАВЛИДИ ТОҶИКИСТОН”

Ибтидои асри XX вазнинтарин давра дар таърихи тоҷикон буд. Дар ин давра кӯшиши инкори мавҷудият ва муқимияти тоҷикон дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадхоҳи миллати тоҷик роҳандозӣ шуд. Зери таъсир ва таҳдид ҳатто як иддаи тоҷикон бо онҳо пайвастанд. Бозиҳои сиёсии бузургдавлатон заминаи миллат барпо кардани ҷумҳуриҳоро ба миён овард. Зеро он василаи хуби тафриқа андохтану ҳукумат рондан буд. Чунин ҳам шуд. Ҷойи мардуми муқимии шаҳрнишини тоҷикистон - Тоҷикистони имрӯза дар ҳайати РСС Ӯзбекистон муқаррар мешавад. Ва он ҳам бар асари ҷонбозиҳо ва фидокориҳои фарзандони фарзонаи миллат.

Ин моҳи октябри соли 1924 буд, баъдтар соли 1929 Тоҷикистон ҷумҳурии алоҳида дар ҳайати ИҶШС ва соли 1991 соҳибистиқлол шуд.

Ҳарчанд китобу мақолаҳои зиёде дар ин бора навишта шуда бошанд ҳам, саҳифаҳои торики тавлид ва такмили давлат ва далатдории тоҷикон дар ин давраи таърихӣ зиёд аст.

Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои норӯшани таърих, ҷоннисориҳои фарзандони асил, зиндагиномаи онҳо... ҳафтаномаи “Тоҷикистон” тасмим гирифт бахшида ба 100-солагии давлати Тоҷикистон (ҳарчанд мо соли 1991 истиқлоли воқеӣ ба даст овардем) озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро роҳандозӣ кунад.

Дар он ҳар нафар бо навиштаҳояш (лавҳа, очерк, мақола, хотирот, мусоҳиба, таърихча ва ғайра) дар бораи лаҳзаҳо, асноди таърихӣ, сарнавишти онҳое, ки барои бунёди давлати Тоҷикистон талош ва ҷонбозӣ карданд, метавонад ширкат варзад.

БАРОИ ҒОЛИБОН СЕ МУКОФОТ МУҚАРРАР ГАШТААСТ:

Ҷойи аввал 5 000 сомонӣ
Ҷойи дуюм 3 000 сомонӣ
Ҷойи сеюм 2 000 Сомонӣ

Ҳамчунин, ғолиби ҷои аввал бо Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳи Шерализода сарфароз мегардад.

Озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон” то моҳи октябр идома меёбад ва дар арафаи 100-солагии таъсиси Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Маводҳои беҳтарин дар шакли китоб чоп мешаванд.


Ҳамчунин бо муаллифони маводи баргузида мусоҳибаи видеоӣ анҷом дода мешавад.

Дар маводҳои пешниҳодшуда навиштори барои “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро фаромӯш накунед.



Маводҳои худро ба суроғаи электронии
tojikiston@pressa.tj
фиристед.

Телефон барои маълумот:
933507020




Ин динамикаи ММД-и Арабистони Саудӣ аз соли 2014 то 2023 аст. Тавре мебинем, ММД то соли 2019 тақрибан афзоиш ёфта, коҳиши минбаъдаи ММД дар соли 2020 бар асари пандемияи COVID-19 ва эҳёи иқтисодиро дар солҳои минбаъда нишон медиҳад.



Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд, подшоҳи Арабистони Саудӣ

САЙЁҲӢ - ИНФРАСОХТОРИ АРАБИСТОНИ САУДӢ



ИСТЕҲСОЛИ НЕФТ:

Арабистони Саудӣ дар як рӯз тақрибан 10-12 миллион баррел нефт тавлид мекунад, ки ин кишварро ба яке аз кишварҳои пешрафтаи тавлидкунандаи нефт табдил медиҳад.

СОДИРОТИ НЕФТ:

Қисми зиёди нефти истеҳсолшуда содирот мешавад ва Арабистони Саудӣ тақрибан 7-9 миллион баррел дар як рӯз содир мекунад.

САМТҲОИ АСОСИИ СОДИРОТ:

Бозорҳои асосии нефти Саудӣ кишварҳои Осиё (Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ), инчунин Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои Аврупо мебошанд.

ЗАХИРАИ НЕФТ:

Арабистони Саудӣ дорои бузургтарин захираҳои собитшудаи нефт дар ҷаҳон аст. Тақрибан 266 миллиард бушка тахмин зада мешавад, ки ба кишвар даромад ва нуфузи назаррас дар бозори ҷаҳонии энержӣ медиҳад.

САҲМ ДАР ИҚТИСОДИЁТ:

Саноати нефт дар иқтисоди Арабистони Саудӣ саҳми назаррас мегузорад, ки қисми зиёди даромади ҳукумат ва содиротро ташкил медиҳад.

ШАРҲИ МУХТАСАРИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ

14-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 ТАҲТИ РОҲБАРИИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ТОЛИБЗОДА ФИРДАВС НАЗРИМАД ВА ИШТИРОКИ ХАБАРНИГОРОНИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ НИШАСТИ МАТБУОТӢ БАРГУЗОР ГАРДИД, КИ ДАР ОН ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023 МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ДОДА ШУД.



Фирдавс Толибзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон баъди ифтитоҳи чорабинии мазкур изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мақоми танзимкунандаи бахши бонкию молиявӣ сиёсати пулию қарзиро татбиқ намуда, ба рушди иқтисодиёти миллӣ, устувории низоми бонкӣ ва нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ мусоидат намуда истодааст.

Бонки миллии Тоҷикистон соли 2023 фаъолияти худро дар самти татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома дода, баҳри таъмини муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ ва устувории қурби пули миллӣ, нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт чораҳои зарурӣ андешид.

СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ

Сатҳи таваррум муътадил аст

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон қайд кард, ки дар соли 2023 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6% ± 2 банди фоизӣ) ҷамъбаст гардида, 3,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,4 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 6,6 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 1,2 фоиз ба амал омад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли ҳисоботӣ чиҳати идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ-қурбӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 108 музоядаи фурӯши коғазҳои қимматноки Бонки миллии Тоҷикистонро ба маблағи 8,9 млрд сомонӣ баргузор кард. Дар баробари ин, дар ин давра аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуданд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 721,9 млн сомониро ташкил менамоянд.

Меъёри бозтамвил, ки ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ бо назардошти дар сатҳи поёнии ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ аз аввали соли 2023 тадриҷан ба андозаи 3,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 10,0 фоизи солона муқаррар карда шуд.

ВАЗЪИ БОЗОРИ ДОХИЛИИ АСЪОР МУЪТАДИЛ ГАРДИД

Қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбиро тибқи реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дод. Дар соли 2023 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 7,4 фоиз (аз 10,2024 сомонӣ дар санаи 31.12.2022 то ба 10,9571 сомонӣ дар санаи 31.12.2023) паст гардид.

Агар ба вазъи қурби асъори кишварҳои минтақа дар ин давра назар андозем, маълум мегардад, ки қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбат ба доллари ИМА паст гардидааст. Барои мисол, қурби рубли Федератсияи Россия 27,5 фоиз, рубли Беларус 16,1 фоиз, лираи Туркия 57,4 фоиз, суми Ӯзбекистон 9,9 фоиз, соми Қирғизистон 4,0 фоиз ва юани Чин 1,7 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтааст.

НИЗОМИ БОНКӢ

Афзоишёбии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ

- Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2023,- гуфт Ф. Толибзода,- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 63 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 25 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ ба 1 897 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 35 адад зиёд мебошад.

АФЗОИШИ ҲАҶМИ ДОРОИҶО, УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ ТАЪМИН ГАРДИД

Дар идома қайд гардид, ки дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31-уми декабри соли 2023 ба 37,7 млрд сомонӣ ва 30,3 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мувофиқан 25,5 фоиз (ё 7,6 млрд сомонӣ) ва 27,8 фоиз (ё 6,6 млрд сомонӣ) зиёд мебошад.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2023 ба 7,4 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 1,1 млрд сомонӣ ё 16,9 фоиз зиёд шудааст.

БАҚИЯИ ПАСАНДОЗҲО 25,5 ФОИЗ ЗИЁД ГАРДИД

Гуфта шуд, ки ба ҳолати 31-уми декабри соли 2023 бақияи умумии пасандозҳо 19,5 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2022-юм 25,5 фоиз зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо ҳиссаи он бо пули миллӣ 55,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 44,5 фоизро ташкил намуд.

Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо 8,9 млрд сомонӣ ё 45,8 фоизи он ба шахсони ҳуқуқӣ ва 10,6 млрд сомонӣ ё 54,2 фоиз ба шахсони воқеӣ рост меояд.

ҲАҶМ ВА ТЕЪДОДИ ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА АФЗОИШ ЁФТ

- Тавре маълум аст,- зикр намуд Ф. Толибзода,- маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, васъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад.

Ҳаҷми қарзҳои додашуда дар соли 2023 маблағи 19,0 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 4,6 млрд сомонӣ ё 32,0 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 43,1 фоиз, кишоварзӣ 14,4 фоиз, савдои хориҷӣ 11,7 фоиз, саноат 14,1 фоиз, хизматрасонӣ 7,1 фоиз, сохтмон 3,8 фоиз ва дигар соҳаҳо 5,8 фоиз рост меояд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 37,8 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи 7,2 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 1,9 млрд сомонӣ ё 36,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2023 ба маблағи 13,6 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 29,1 фоиз зиёд мебошад.

Фоизи миёнавазни қарзҳо дар соли 2023 бо пули миллӣ 23,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 бо пули миллӣ 0,14 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 0,16 банди фоизӣ паст мебошад.

ФАЪОЛИЯТИ БОСУБОТИ НИЗОМИ БОНКӢ ТАЪМИН ГАРДИД

Меъёри кифоятии сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад, ба санаи 31-уми декабри соли 2023-юм 21,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12 фоиз) 9,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Меъёри пардохтпазирии низоми бонкӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2023 ба 81,0 фоиз баробар гардида, нисбат ба талаботи муқарраршуда 51,0 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Ба интиҳои соли 2023 қарзҳои ғайрифаъол 12,5 фоизи сандуқи қарзиро ташкил доданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 0,5 б.ф. зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2023 бо фоида ба маблағи 999,3 млн сомонӣ ҷамъбаст гардид.

Даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (RoA) ба санаи 31-уми декабри соли 2023-юм 2,7 фоиз ва даромаднокии сармояи он (RoE) бошад, 13,6 фоизро ташкил намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани сиёсати макропруденсалӣ ва танзиму назорати фаъолияти бонкӣ ташкилотҳои қарзии низомсоз (КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата”) ва ташкилоти қарзии эҳтимолан низомсоз (ҶСП “Бонки бай-

НИЗОМИ БОНКӢ ВА СУҒУРТА ДАР СОЛИ 2023





налмилалии Тоҷикистон”)-ро барои соли 2024 муайян ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №12 аз 16-уми январи соли 2024 тасдиқ намуд.

НИЗОМИ ПАРДОХТ РУШД ДОРАД

Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2023 бошад, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 6,7 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2022-юм 32,6 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар ин сана шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 8,7 млн адад баробар гардида, нисбат ба соли 2022-юм 37,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба санаи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 6 939 POS-терминал насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 теъдоди онҳо 79,2 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 12,6 QR-рамзи ягона насб карда шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2022-юм 28 фоиз кам буда, сабаби он гузариш ба QR-рамзи ягона мебошад.

Дар баробари ин, барои бо пули нақд таъмин намудани дорандагони кортҳои пардохтӣ соли 2023 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ дар маҷмуъ 2 240 банкомат ва 3 492 терминали электронӣ дар хазинаҳои воҳидҳои сохтории бонкҳо насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 мувофиқан 29,9 фоиз ва 63,8 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2023 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ ба маблағи 15,5 млрд сомонӣ анҷом дода шудаанд. Дар соли 2023 таносуби ҳиссаи амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ 80 фоиз ба 20 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ 8 банди фоизӣ зиёд гардид.

МУРОҶИАТҲОИ ШАҲРВАНДОН ТИБқИ ҚОНУН БАРРАСӢ ШУДАНД

Таъкид гардид, ки риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиати шахрвандон” ва ичрои он пайваста зери назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Вобаста ба ин, дар соли равон 1 053 мурочиат, аз ҷумла 467 адад тавассути телефони боварӣ, 346 адад тариқи қабули бевоситаи шахрвандон, 235 адад тариқи хаттӣ (аризаҳо) ва 5 адад тариқи почтаи электронӣ ба унвони Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардид, ки дар умум ҳамаи онҳо дар сатҳи зарурӣ баррасӣ гардида, ҳалли худро ёфтанд.

СИЁСАТИ КАДРӢ

Ҷалби бештари занону духтарон ба муассисаҳои низоми бонкӣ

- Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ,- гуфт Фирдавс Толибзода,- ба масъалаи ҷалби бештари занону духтарони соҳибтахассус ва соҳибтаҷриба ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ ва ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кардани онҳо диққати махсус медиҳанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ба санаи 31-уми декабри соли 2023 шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 18'841 нафарро ташкил намуд, ки аз ин 7'611 нафарашро бонувон (ё 40,4 фоиз аз ҳаҷми умумӣ) ташкил дода, шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 659 нафар зиёд мебошад.

Аз ин шумора 3'849 нафар зан ҳамчун кормандони фронт-офис фаъолият менамоянд. Аз шумораи умумии бонувони дар низоми бонкӣ фаъолияткунанда 515 нафар ба бахши роҳбарикунанда рост меояд (19,4 фоизи шумораи умумии вазифаҳои роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ).

НИШОНДИҲАНДАҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ АФЗОИШИ УСТУВОР ДОРАНД

Соли 2023 дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намуданд.

Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2023 нишон дод, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа афзоиши устувор доштанд, аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 18,1 фоиз, сармояи умумӣ 18,7 фоиз, сармояи оинномавӣ 19,6 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 11,3 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 33,9 фоиз, сармоягузориҳо 6,8 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 63,4 фоиз зиёд гардиданд.

Дар маҷмуъ, дар соли ҳисоботӣ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ тибқи ҳисоботҳои фаврӣ 2,0 фоиз ва нисбат ба ММД 0,6 фоизро ташкил кард.

Миқдори умумии шартномаҳои басташудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2023 ба 2,3 млн адад баробар шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 207,6 ҳазор адад (9,8%) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (RoA) ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2023-юм 11,9 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (RoE) 20,9 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ мувофиқан 0,5 ва 0,8 банди фоизӣ зиёд мебошанд.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ САМАРА МЕОРАНД

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ бо чунин ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди Авруосиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳоди дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ ҳамкории судманд ба роҳ мондааст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҷалби бештари сармояи дохилӣ ва хориҷӣ яке аз вазифаҳои асосии низоми бонкӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтӣ чиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соли 2023 ба низоми бонкии кишвар 2 204,6 млн доллари ИМА қарз, сармоягузориҳои мустақим ва ҷомадонӣ ҷалб карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 66,8 фоиз зиёд мебошад.

- Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ барои татбиқи самараноки сиёсати пулӣ, пурзӯр намудани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, тақвияти идоракунии корпоративӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ пайваста чораҳои зарурӣ хоҳад андешид,- гуфт дар интиҳо раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода.

Дар бахши саволу ҷавоби нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои аҳбори оммаи дохилию хориҷӣ ба саволҳои худ оид ба татбиқи Фармони Президенти ҶТ “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, меъёри таваррум, тағйири меъёри бозтамвил, рафти ичрои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, раванди татбиқи бонкдории исломӣ, фурӯши сабикаҳои ченакии тилло, ҳаҷми захираҳои тиллои Бонки миллии Тоҷикистон, пешгирии амалҳои қаллобӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, фоизи қарзҳо, бозори коғазҳои қимматнок, ҷалби маблағҳо, ифтитоҳи намояндагии бонкҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Нишастро раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода хусни анҷом бахшида, ба намояндагони воситаҳои аҳбори омма барои ҳамкории судманд, инъикоси вокеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ изҳори сипос намуд ва барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои самарабахш омодагии хешро баён дошт.

Шуъбаи матбуоти БМТ



3 ОМИЛИ ҚУДРАТМАНДӢ

Youtube Army Blog 3 омили қудрати Артиши Тоҷикистонро номбар кард. Ба ақидаи коршиноси низомии ин канал, Артиши Тоҷикистонро набояд сода гирифт.

Дар идома коршинос 3 қудрати Қувваҳои мусаллаҳи кишвари моро номбар мекунад.

1. 7-умин бригадаи ҳамлаи ҳавоӣ-десантии неруҳои мобилӣ, ки омодатарин сохтори неруҳои вижаи Осиёи Марказӣ ба ҷанг маҳсуб мешавад. Тақрибан нисфи афсарони ин бригада, ки асоси неруҳои вижаи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тачрибаи ҷангӣ гирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир ин воҳид дар ҳайати Неруҳои дастҷамъонаи вокуниши сареъи СПАД қарор дорад.

2. Тоҷикистон бо кишварҳои дигар ҳамкории зич дорад ва аз онҳо кумаки низомӣ мегирад. Ҷумҳурӣ дар ин самт, масалан, бо Русия, Чин ва Қазоқистон шарикӣ мекунад.

3. Пойгоҳи низомии 201-уми Русия дар қаламрави ҷумҳурӣ ҷойгир шудааст, ки бузургтарин иншооти низомии Русия аз ҷумлаи объектҳои берун аз Федератсияи Русия мебошад. Он дорои садҳо танк, чархболҳо ва ҳавопаймоҳои ҳамлакунанда, ҳавопаймоҳои бесарнишин ва тӯпхона, инчунин тақрибан 7000 афсар аст, ки дар ҳама ҳолат ба Артиши Тоҷикистон кумак мекунанд.

АРТИШИ ТОҶИКИСТОН

мақоми он дар раддабандии ҷаҳонӣ 7 зина боло рафт

Артиши Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии қудрати низомӣ 7 зина боло рафт ва ба мақоми 197-ум баромад.

Ин дар ҳолест, ки соли 2023 артиши кишвари мо дар мақоми 120 буд.

Global Firepower 2024 менависад, ки қудрати Артиши Тоҷикистон сол аз сол тақвият меёбад. Дар давоми як сол, тибқи иттилои ин манбаъ, аз лиҳози техникӣ артиши кишвар тақвият ёфта, инак, ба ҷойи 37 танк 52, ба ҷойи 10 гаубитса 36 ва ба ҷойи 3 системаи ракетӣ 29-то шудааст.



ВАРЗИШ

ШИКАСТИ РАҲИМОВ ВА ПИРӮЗИИ УСМОНОВ ДАР IBA CHAMPIONS NIGHT

16-уми феврал дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии Душанбе шоми бокси ҳирфаӣ бо номи “IBA Champions Night” баргузор шуд, ки аз шаш набарди диданӣ иборат буд.

Дар ин шом дар мусобиқа раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, президенти Ассотсиатсияи байналмилалии бокс Умар Кремлёв ва чемпиони собиқи ҷаҳон Рой Ҷонсон чун меҳмони фахрӣ ширкат карданд.

Дар рақобатҳои инфиродӣ чор нафар аз Тоҷикистон, дунафарӣ аз Мексика ва Озарбойҷон, инчунин якнафарӣ аз Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Ӯзбекистон иштирок карданд.

Рақобати асосӣ байни қаҳрамони ҷаҳон аз Русия Шарофуддин Отаев ва барандаи медали



биринҷии Олимпиадаи Токио-2020 Алфонсо Домингес аз Озарбойҷон барои камарбанди қаҳрамони ҷаҳони IBA миёни муштзанҳои ҳирфаӣ дар вазни 86 кило баргузор шуд. Доварон аз рӯи натиҷагирии 10 раунд муштзани русиягиро ғолиб донистанд.

Муҳорибаи муштзани тоҷик Шавкатҷон Раҳимов ва Эдуардо Нунйеси мексикоӣ барои дарёфти унвони қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи фарзияи IBF дар вазни 58,9 кг дар раунди 11-ум бо нокаути техникӣ бо пирӯзии Нунйес ба поён расид.

Муштзани дигари тоҷик Баҳодур Усмонов ва Ҷовид Чалабиев аз Озарбойҷон дар вазни 63,5 кг барои дарёфти унвони қаҳрамони Осиё 8 раунд рақобат карданд. Усмонов бо қарори доварон пирӯз шуда, соҳиби камарбанди қаҳрамони Осиё аз рӯи фарзияи IBA шуд. Ин варзишгари 26-солаи тоҷик, ки дар бокси ҳирфаӣ ғалабаи ҳаштумашро ба даст оварда, то ҳол мағлуб нашудааст.

Дар вазни 57 кг муштзани ӯзбек Мирзокарим Мирзохалилов бар Родригез Окана Луиси мексикоӣ пас аз раунди 10-ум бо қарори доварон ғолиб омада, унвони қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи фарзияи IBA-ро ба даст оварад.


Муштзани тоҷик Акмал Убайдов дар вазни 57 кг муқобили Серикбай Ассюлжан аз Қазоқистон пирӯз шуд. Муштзани дигари тоҷик Шамшер Саидов дар вазни 67 кг дар раунди 6-ум муқобили Акжол Сулаймонбек Уғлу аз Қирғизистон бо қарори доварон ғолиб гардид.

РЕЗААХБОР

Шӯрои олимпии Осиё пойтахти Бозиҳои IX-уми зимистонаи Осиёро муаррифӣ кард. Бозиҳои навбатии зимистонаи Осиё аз 7-уми феврал то 14-уми марти соли 2025 дар Ҳарбини Чин баргузор мешаванд. Дар баробари ин Шӯрои олимпии Осиё рамз ва шиори бозиҳоро тасдиқ кард. Ҳарбин дар соли 1996 низ мизбони Бозиҳои зимистонаи Осиё шуда буд.

***

Шаби якшанбеи 25-уми феврал размикори тоҷикистонӣ Муҳаммад Наимов мехоҳад пирӯзиҳои худро дар UFC ба се набард расонад. Ҳарифи навбатии ӯ аз Венесуэла Эрик Силва хоҳад буд. Силва дар муҳорибаи беқоида аз соли 2016 ширкат мекунад. Ба UFC соли 2022 роҳ ёфт, аммо дар набарди аввалинаш ба шикаст мувоҷеҳ шуду то ин дам ба октагон набаромадааст.



РЕЙТИНГИ FIFA

ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАҲОН ДАР ЗИНАИ 99 ҶОЙ ГИРИФТ

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон пас аз комёбии таърихии худ дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 дар раддабандии Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) ба таври назаррас боло рафт.

Дар раддабандии нави ФИФА тими миллии футболи Тоҷикистон ҳафт зина боло баромада, дар ҷойи 99-ум қарор гирифт. Ин беҳтарин натиҷа дар таърихи тими миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷоми Осиё-2023 дар Доҳа мунтахаби Тоҷикистон панҷ бозӣ анҷом дод. Даста дар марҳилаи гурӯҳии мусобиқот бо Чин мусовӣ (0:0) карда, аз Қатар шикаст хӯрд (0:1) ва бар Лубнон (2:1) зафар ёфт. Дар даври 1/8-ниҳоӣ мунтахаби Тоҷикистон бар тими Аморати Муттаҳидаи Араб (1:1, 5:3 бо пеналтӣ) ғолиб омада, дар даври чорякниҳоӣ аз дастаи Урдун (0:1) ноком шуд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон пас аз ширкати муваффақ дар Ҷоми Осиё-2023 соҳиби 23,82 имтиёз гардид ва ҳоло 1218,89 имтиёз дорад. Миёни намояндагони Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) Тоҷикистон дар зинаи 16-ум ҷой гирифтааст.

ҚАТЛИ ХОИН

Халабоне, ки боиси марги ҷавони тоҷик гардид, кушта шуд

Халабони хиёнаткор Максим Кузминов, ки боиси марги Хушбахт Турсунов, халабони ҷавони тоҷик гардида буд, худ шармандавор кушта шуд.



Хушбахт Турсунов



Максим Кузминов

Eureka News, як расонаи испанӣ менависад, ки ба бадани Максим Кузминов 12 тир холӣ карда, сипас бо мошин сарашро зер кардаанд.

Кузминов тобистони соли 2023 як чархболи низомии Русияро ба нафъи Украина рабуда ва ҳамкорони худро ба дасти марг дода буд. Миёни ҳайати халабонҳо халабони ҷавони тоҷик Хушбахт Турсунов, ки аз шаҳри Конибодом буд, низ моҳи августи соли 2023 кушта шуд.

Медуза менависад, ки Кузминов, ки ба нафъи Украина кор мекард, чархболи Ми-8-ро дуздид. Дар дохили чархбол Турсунов ҳамроҳи боқимондаи ҳайат қарор дошт. Ҳавопаймо марзи Русияву Украинаро убур карда, дар вилояти Харков фуруд омад. Ҳайати халабонҳо ба ҷуз Кузминов таслим нашуданд, ки дар натиҷа аз ҷониби неруҳои украинӣ кушта шуданд. Манбаъ менависад, ки Кузминов барои хиёнаташ ним миллион доллар мукофот гирифта буд.

Ёдовар мешавем, ки ҷасади Хушбахт Турсунов ба зодгоҳаш оварда шуда, дафн гардид. Пас аз марг ба ӯ унвони Қаҳрамони Русия дода шуд.

МУКОФОТ 30 ҲАЗОР!

“ЯК такси” ҷинояткорро меҷӯяд

Ширкати “ЯК такси” (1111taxi) бо нашри як эълон бо акси ҷиноятқор дар Instagram эълон кард, ки барои маълумот дар бораи нафаре, ки ба ронандаи ин ширкат Зиёвиддин Беков ҳамла оварда, ӯро бо чанд зарбаи корд захмӣ кард, 30 ҳазор сомонӣ ҷоиза таъйин кардааст.



Онҳое, ки дар бораи шахсияти ин нафари дар акс нишондодашуда маълумоте доранд, метавонанд бо рақами 1111 ба ширкати “ЯК такси” хабар диҳанд. Мукофот ба касе дода мешавад, ки маълумоти расонидааш ба боздошти ҷиноятқор мусоидат кунад.

Ёдовар мешавем, ки Зиёвиддин Беков, сокини 23-солаи Душанбе, ки якқасидаи хонавода буда, тирамоҳи соли 2023 ноапрел ҷудо карда буд ва ҳамагӣ 4 моҳ боз дар ширкати “ЯК такси” кор мекард, субҳи 15-уми январи соли 2024 дар маҳаллаи Яккачинори пойтахт мавриди ҳамла қарор гирифт. Вақте ронанда аз муштарӣ 37 сомонӣ пули роҳашро тақозо мекунад, муштарӣ, ки дар курсии қафо нишаста буд, ногаҳон бо корд ҳамла карда, ба қисмати рости гардан 5 зарба ва ба ҳарду дастони Зиёвиддин якқордӣ мезанад.

Ҷиноятқор баъди ҳамла аз ҷойи ҳодиса фирор мекунад. Аз мақомоти корҳои дохилӣ мегӯянд, ки то ҳол ҷустуҷӯи ҷиноятқор натиҷа надодааст.

БОЗДОШТИ АФСАРИ МИЛИТСИЯ БО 6 ҲАЗОР ДОЛЛАР ПОРА

Маркази матбуоти Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон аз боздошти муфаттиши калони шуъбаи тафтишотии шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Хуҷанд Абдураҳимзода Т. ҳангоми гирифтани пора ба маблағи махсусан зиёд хабар дод.



“Абдураҳимзода Т. дар давраи фаъолияти кории худ парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳолати сохтакории ҳуҷҷатҳоро ба пешбурди ҳуд қабул намуда, бо гузаронидани амалҳои зарури тафтишотӣ ҳолати гунаҳгории шаҳрванд Охматов А. А.-ро дар содир намудани ҷинояти болозикр муайян намуд. Сипас номбурда бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт, барои иҷрои амали ғайриқонунӣ, яъне ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб накардани Охматов А. А. аз падари номбурда Охматов А. Н. тавассути миёнарав Охунов Ҳ. А. ба сифати пора маблағи 6000 доллар талаб кард”,- менависад манбаъ.

Санаи 27-уми январи соли 2024 Абдураҳимзода Т. дар ҳудуди ноҳияи Б. Ғафуров баъди гирифтани маблағи 6000 доллар дастгир карда шуда, ин маблағ аз ӯ ёфта, ҳамчун далели шайъӣ гирифта шуд.

АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Шермуҳаммади Шоҳиён, раиси Суди Олии Тоҷикистон гуфт, ки дар соли 2023-юм 3 нафар судяҳо даст ба ҷиноят задаанд.

"2 нафар бо ҷинояти гирифтани пора ва 1 нафар бо ҷурми қаллобӣ",- гуфт номбурда. Ӯ гуфт, ки даст ба ҷиноят задани судяҳо мақомоти судиро нигарон кардааст. "Мутаассифона, дар оғози соли 2024 ҳам раиси Суди ноҳияи Панҷ ва судяи Суди ноҳияи Леваканд боздошт шудаанд, ки парвандаи онҳо дар Агентии коррупсия дар ҳоли баррасӣ аст". Соли 2023 дар умум 137 950 парванда аз ҷониби мақомоти судии кишвар баррасӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 1965 адад зиёд мебошад.




Дар пайи ихтисори 30 дарсади воҳиди кории Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) ҳудуди 400 корманди ин ниҳод аз вазифа озод карда мешаванд.

Вале онҳо дар дигар идораҳои ВКД корашонро идома хоҳанд дод. Дар ин бора Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон хабар дод. Ӯ гуфт, ки ҳадафи ихтисори воҳидҳои корӣ “ба танзим даровардани тартибу амният дар роҳ ва баланд шудани маърифати мардум аст”. Ба гуфтаи вазир, ҳоло ихтисори кормандони БДА оғоз нашудааст.



Бо дархости Тоҷикистон дар як соли ахир беш аз 200 нафар аз хориҷа ба кишвар истирдод шудаанд.

Дар ин бора Юсуф Раҳмон Аҳмадзод, Прокурори генералии Тоҷикистон хабар дод. Ӯ гуфт, ки ин кор дар натиҷаи ҳамкориҳо бо мақомоти додситонии дигар давлатҳо сурат гирифтааст. Омори истирдодшудаҳо ба фарқ аз соли 2022-юм 100 маврид бештар шудааст.



7 РОҲИ ЭМИН МОНДАН АЗ САКТАИ ДИЛ

Шумораи фавти одамон бар асари бемориҳои дил торафт меафзояд. Пештар баъди 70-80-солагӣ ба инфаркт ва инсулт гирифтор мешуданд, вале солҳои охир одамони 40-50-сола ва баъзан аз ин ҳам ҷавонтар бар асари сактаи қалбӣ ва дигар касалиҳои дил дунёро падруд мегӯянд.

Табибон мегӯянд, шахсоне, ки худро аз бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он эмин нигоҳ дошта метавонанд, умри дароз мебинанд. Мехоҳед, ки саломатии худро нигоҳ дошта, аз чунин касалиҳо эмин монед? Пас, бо тавсияҳои зерини Ассосиатсияи табибони кардиологи Амрико амал намоед.

1. Сигор накашед!

Душмани аз ҳама бузургтарини дил сигор мебошад. Солим мондан хоҳед, аз баҳри сигор ва дигар анвои тамоку гузаред!

2. Индекси массаи бадани худро санҷед!

Индекси бадани одами солим бояд аз 18,5 то 24,9 кг/м2 бошад. Санҷидани индекси массаи бадан чандон кори душвор нест. Барои ин шумо бояд баландии қади худро чен карда, онро бо квадрат зарб занед. Пас аз ин вазни худро ба адади рақами ҳосилшуда тақсим кунед. Ҳамин тавр, шумо метавонед индекси массаи баданатонро муайян намоед ва дар сурати зиёд будани баҳри кам кардани он кӯшиш ба харҷ диҳед. Вазни зиёдатиро бо як роҳи дигар низ ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст. Барои ин шумо бояд миёнатонро чен кунед. Меъёри миёнаи даври миён барои мардон 94 см ва барои занон на бештар аз 80 см мебошад.

3. Машқ кунед!

Машқҳои ҷисмонӣ ба саломатии инсон нақши муҳим доранд. Фаромӯш накунед, ки дар як ҳафта ҳадди ақал шумо бояд 150 дақиқа машқҳои сабук ё 75 дақиқа машқҳои вазнинро анҷом диҳед. Роҳи беҳтарин дар якҷоягӣ анҷом додани ин машқҳост.

4. Ғизои солим хӯред!

Ғизои солим барои саломатӣ хеле муҳим аст. Табибони диетолог тавсия медиҳанд, ки аз машруботи спиртӣ, хӯрдани хӯрокҳои тезу тунд ва шӯр худдорӣ намуда, бештар меваю сабзавоти тару тоза, чормағз, гӯши мурғ ва моҳӣ истеъмол намоед.

5. Сатҳи холестеринро санҷед!

Барои дилпур гаштан аз вазъи саломатии худ ва пешгирӣ намудани касалиҳои дил шумо бояд ҳамеша сатҳи холестеринро дар хунатон санҷида истед. Миқдори миёнаи он 6.

6. Баландшавии фишори хунро пешгирӣ кунед!

Одамон бештар бар асари бемории фишорбаландии шараёнӣ ба касалиҳои дил гирифтор мешаванд. Солим мондан хоҳед, фишори хунатонро ҳамеша санҷида истед ва баландшавии онро пешгирӣ намоед. Фишори одами солим набояд аз 120/80 мм рт боло бошад.

7. Аз касалии қанд эҳтиёт бошед!

Гирифтор шудан ба касалии қанд хатари вайрон шудани кори узвҳои дохилии инсон, аз ҷумла дил ва марги бармаҳалро ба маротиб меафзояд. Барои пешгирии ин ҳолат шумо бояд ҳамеша қанди хунатонро санҷида истед. Миқдори глюкоза дар хуни инсон набояд аз <5,6 ммоль/л зиёд бошад. Ташхиси хун барои бемории қанд дар аксари беморхона ва дармонгоҳо ройгон аст.



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта бо касе моҷаро накунед. Иштирок дар ҷашну маъракаи дӯстон оқибати нохушро ба бор меорад. Сешанбе ва чоршанбе рӯзҳои бобароратарини ҳафта ба шумор мераванд. Нимаи дуюми ҳафта сафаратон ба таъхир меафтад.



Савр
21.04 - 21.05

Бо ҳамсафари ҳаётӣ моҷаро накунед. Дар сурати пеш омадани баъзе мушкилиҳо сабрро пеша намоеду тавре вонамуд кунед, ки ҳодисае рух надодааст. Танҳо дар ҳамин ҳолат дар оилаатон оромӣ ҳукмфармо мегардад. Муносибат бо дӯстдоштаатон хуб ҷараён мегирад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Барои беҳтар сохтани вазъи саломатии худ кӯшиш намоед. Дар як уток бо нафарони гирифтори зуком истоданатон хавфнок аст, дар ин рӯзҳо бемориҳои вирусӣ ба зудӣ ба шумо мечаспанд. Хонаатонро рӯбучин карда, тамоми чизҳои кухнаву нодаркорро партоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта барои ошиқон чандон мусоид нест. Дар муносибат бо дӯстдоштаатон рашку нобоварӣ пайдо мешавад. Ба коре, ки боиси нобоварии ёратон мегардад, даст назанед. Миёнаи ҳафта барои оштӣ шудан бо ҳамсояву хешовандон ва ҳамкорон хуб аст.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта бо аҳли оила моҷаро накунед. Ҳарчанд ба ҳамдигарфаҳмӣ ноил шудан душвор бошад ҳам, худро ба даст гиред. Миёнаи ҳафта аз пайи анҷом додани мушкилиҳои молиявӣ гардед. Агар бо тамоми ҳастӣ аз пайи кор шавед, кисаатон холӣ намемонад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта хеле муҳим аст, ки ба қувваи худ ва аз уҳдаи тамоми корҳо баромада тавонистанатон бовар кунед. Ба суҳбати нафарони бегона, ғайбату овозаҳо ҳамроҳ нашавед. Вагарна ҳам худатон гумроҳ мешаведу ҳам атрофиёнро ба иштибоҳ меоред.



Мизон
25.09 - 22.10

Рӯзи душанбе аз сарф намудани маблағ худдорӣ намоед. Ҳар либосе, ки дар ин рӯз харидорӣ мекунед, бесифату бароятон нодаркор мегардад. Кӯшиши ба даст овардани пули муфт мушкили зиёдеро пеш меорад. Хурӯҷ намудани бемориҳои куҳна имкон дорад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аз робита бо дӯстону шиносон хеле қаноатманд мегардед. Хусусан агар аввали ҳафта муносибатҳоятон бо аҳли оила, наздикону волидон вайрон гардад, бо нафароне, ки дарди дилатонро дарк карда метавонанд, риштаи дӯстиятон мустаҳкамтар мегардад.



Қавс
25.11 - 21.12

Рӯзи душанбе бо ягон кори пинҳонӣ машғул шудану бо нафарони шубҳанок шинос шуданро тавсия намедиҳем. Миёнаи ҳафта тамоми ҳунару маҳорати худро нишон доданатон лозим меояд. Рӯзҳои хубанд барои амалӣ сохтани нақшаву ниятҳо.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Нимаи аввали ҳафта ҳар тарсу ҳаросеро, ки дар дил доред, батамом рафъ месозед. Бештар дар танҳоӣ монда, асабҳоятонро ором созед. Рӯзи панҷшанбе меҳрубон бошед, ба нафароне, ки аз шумо кумак мепурсанд, мувофиқи имкон ёрӣ расонед.



Далв
21.01 - 19.02


Агар уҳдадориҳои худро сари вақт ичро накунед, хатари сар задани муноқиша бо сардоратон вуҷуд дорад. Баъзе ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки садди роҳи ба мақсад расиданатон мегарданд. Аз ин лиҳоз, ягон кори муҳимро ба нақша нагиред.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафта пур аз рӯйдодҳои гуворо аст. Баъзе орзуҳоятон ҷомаи амал мепӯшанд. Аввали ҳафта қоидаву қонунҳои ҷориро вайрон насозед, он гоҳ аз беобрӯшавӣ эмин мемонед. Аксари мушкилиҳо худ ба худ рафъ мегарданд. Дастгирии дӯстонро дар ин рӯзҳо зиёдтар эҳсос мекунед.

УСТОДИ ФАЛАК, ҶОНИ ФАЛАК ТАРКИ ФАЛАК ГУФТ!



19-уми феврал яке аз устодони бузурги санъати тоҷик, фалаксарои номвар, ҳунарманди халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов аз олам даргузашт. Марги ӯ талафоти азиме барои санъати тоҷик ба ҳисоб меравад.

Зиндагинома

Давлатманд Холов 26-уми октябри соли 1950 дар деҳаи Доғистони ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар хонаводаи кишоварз ва аҳли фарҳанг ба дунё омадааст. Соли 1958 таҳсилро аз мактаби деҳа оғоз намуда, соли 1963 дар Мактаб-интернати ба номи А. Деҳотии шаҳри Кӯлоб ва соли 1964 дар интернати давлатии «Коммунизм»-и деҳаи Сари Чашмаи ноҳияи Москва идома медиҳад. Соли 1978 шуъбаи мусиқӣ ва суруди Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистонро хатм менамояд.

Давлатманд Холов аз овони наврасӣ бо хондани сурудҳои мардумӣ шуҳрат пайдо кард. Нахустин оҳанги худро ӯ соли 1963 дар синни 13-солагӣ ва дар сӯгвории падараш хондааст.

Солҳои 1968-1973 дар шуъбаи маданияти шаҳри Кӯлоб кор кардааст. Соли 1978 дар Театри драмаи мусиқии Кӯлоб ба кор даромад. 20-уми июли соли 1989 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб, таҳти сарварии Давлатманд Холов ансамбли давлатии «Фалак» таъсис шуд. Аз соли 2004 бо таъсис ёфтани ансамбли давлатии «Фалак»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ба ҳайси роҳбари бадеии он кор кардааст. Давлатманд Холов ҳамзамон то охири умр профессори Консерваторияи миллии Тоҷикистон буд.

Фалакро ба ЮНЕСКО бурд

Давлатманд Холов яке аз тарғибгарони бузурги санъати касбии кӯҳистони тоҷик маҳсуб мешавад. Ӯ дар тӯли фаъолияти эҷодии хеш қариб ба 100 мамолики чаҳон беш аз 150 сафари ҳунарӣ намудааст. Сурудаҳои ӯ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои форсизабон низ шунаванда доранд.

Ҳунари овозхонии фалак 15-уми декабри соли 2021 дар Пориси Фаронса аз сӯйи ЮНЕСКО шомили мероси фарҳангии ғайримоддии башарӣ шуд, ки инро коршиносон натиҷаи талошҳои Давлатманд Холов медонанд.

Мусиқишиносон сурудҳои эҷоднамудаи ӯ, ба монанди «Дур машав», «Соқиё», «Дидамат», «Эй дил»,«-Бишнав аз най», «Эй қавми ба ҳаҷ рафта», «Фотиҳаи фалак» (ғазалҳо аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ), «Бӯи ҷӯи Мӯлиён», «Майи лаъл» (ғазали Рӯдакӣ), «Наргиси ҷоду» (ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ), «Ҳалқаи дом аст» (шеъри Бедил), «Омадаӣ» (ғазали Ҳофиз), «Кӣ мебарад» (шеъри Соиби Табрезӣ) ва садҳо суруду таронаҳои эҷоднамуда ва ичронамудаашро дар санъати овозхонии тоҷик падидаи нав арзёбӣ мекунанд.

Шоири маъруфи тоҷик Давлат Сафар дар сӯгвории устод Давлатманд Холов барҳақ гуфтааст:

Бо савту наво дар ҳама ҷо
ҳарфи малак гуфт,
Таҳ кард лаби хону ба кас поси
намак гуфт.
По кӯфта, бардошт ба мо даст
ба оҳанг,
Устоди фалак, ҷони фалак тарки
фалак гуфт!

ҲАМЧУНИН:

19.02. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли оила ва наздикону пайвандони Давлатманд Холов ҳамдардӣ баён кард.

20.02. Дар Бемористони марказии ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон тифле ба дунё омад, ки ба хотири эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов номашро Давлатманд гузоштанд.

ФОРСИЗАБОНОНИ ҶАҲОН ДАР СӮГИ ДАВЛАТМАНД ХОЛОВ

Даргузашти Давлатманд Холов на танҳо Тоҷикистон, балки ҷаҳони форсизабонро ҳам андуҳгин кард.

Телевизиони форсии BBC, радиову телевизиони Iran International, Afghanistan International, телевизионҳои Тулуъ ва Садои Амрико ва дигар расонаҳои форсӣ хабари даргузашти Давлатманд Холовро расонӣ карда ва барномаҳои вежаеро ба ӯ бахшиданд.

Бисёре аз рӯзномаҳои Эрон, аз ҷумла "Қудс" ва рӯзномаи пуртиражи "Хуросон" низ дар саҳифаи аввали худ бо гузоштани акси ин овозхони камназир матолиберо аз зиндагии ҳунарии фалаксарои беназир мунташир намудаанд.

Шахсиятҳои шинохтаи Эрону Афғонистон, аз ҷумла, Муҳаммадмаҳдӣ Исмоилӣ - вазири фарҳанг ва иршоди исломии Эрон, Алиасғари Шеърдӯст - сафири собиқи Эрон дар Тоҷикистон, доктор Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ - мудири Муассисаи Хирадсарои Фирдавсӣ, Алии Деҳбошӣ - сардабири маҷаллаи "Бухоро", Баҳроми Амираҳмадиён - пажӯҳишгари масоили Осиёи Миёна, Латифи Пидром - шоир ва сиёсатмадори Афғонистон ва даҳҳо чеҳраи саршиноси форсизабон низ даргузашти Давлатманд Холовро барои ҷомеаи форсизабон талафоти гарон арзёбӣ намуданд.

ДАРГУЗАШТИ АСОСГУЗОРИ "ГУЛШАН"



19-уми феврал аз Олмон хабар расид, ки яке аз асосгузорони эстрадаи тоҷик, бунёдгузори ансамбли овозадори "Гулшан" Лайло Шарифӣ дар синни 94-солагӣ аз олам даргузашт.

Лайло Шарифӣ умри дарозу пур аз шебу фароз ва пур аз ҳаводиси пурталотумро паси сар кардааст. Модари ӯ аз озариҳои Эрон ва падараш аз туркҳои Измири Туркия буд, ки бо Озарбойҷони Шӯравӣ тиҷорат дошт ва бо аҳли хонаводааш солҳо дар ин ҷумҳурӣ умр ба сар бурд.

Бино ба нақли худи ӯ, модараш мехост дар Маскав таваллуд кунад ва Лайло дар батнаш ба пойтахти СССР рафтааст, вале дар онҷо ӯро дар ягон таваллудхона қабул накардаанд ва зани ҳомила ба Боку баргаштааст, ки дар роҳ, ҳангоми парвоз дарди кӯдакаш гирифтааст ва Лайлоро 28-уми январи соли 1930 дар ҳавопаймо ба дунё овардааст.

Баъди таваллуди Лайло ин хонавода ба шаҳри Машҳади Эрон кӯчидаанд. Лайло ҳамон ҷо ба воя расида, бо як афсари ҷавони артиш издивоҷ кард. Вале бо далоили сиёсӣ ӯву шавҳараш ба Иттиҳоди Шӯравӣ фирор ва Тоҷикистонро макони сукунат ихтиёр карданд. Лайло дар Душанбе солҳои аввал дар радио ба ҳайси мучрии барномаҳо бо забони форсӣ кор кард ва соли 1959 Омӯзишгоҳи мусиқии Душанберо хатм карда, дар ансамбли созҳои халқии Кумитаи радио ва телевизион ба овозхонӣ оғоз кард. Соли 1964 Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон ансамбли эстрадии “Гулшан”-ро таъсис дод ва Лайло Шарифӣ, ки дар таъсиси “Гулшан” иштироки хеле фаъолона дошт, нахустин раҳбари бадеии он таъйин шуд.

Соли 1967 Тоҷикистонро тарк кард ва фаъолияти минбаъдааш дар Озарбойҷон ҷараён гирифтааст. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба шаҳри Дюсселдорфи Олмон кӯчид.

Лайло Шарифӣ унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва Озарбойҷонро дошт. Солҳои охир дар Олмон ба навиштани шеър ва достонҳо машғул буд.

МАВЛУДНОМА

• 22 ФЕВРАЛ •

Алексей Лисенко (1929), 95-солагии зодрӯзи экскаторчӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Наимҷон Шукуров (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

• 23 ФЕВРАЛ •

Юсуф Саодатов (1944-2005), 80-солагии зодрӯзи мусиқидон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Пётр Сой (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Ито Гико (1909-1999), 115-солагии зодрӯзи шарқшиноси ҷопонӣ, муҳаққиқи Авасто ва забони форсии миёна.

Ғафурҷон Ҷӯраев (1959), 65-солагии зодрӯзи рӯзноманигор, Аълочии матбуот, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

• 24 ФЕВРАЛ •

Иброҳим Ализода (1894-1982), 130-солагии зодрӯзи файласуф, шарқшинос.

Иван Клименко (1904-1979), 120-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Зайниддин Шарифов (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

• 25 ФЕВРАЛ •

Саъдуллои Мӯсо (1964-2012), 60-солагии зодрӯзи шоири ҳаҷвнигор.

Абдулло Собиров (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Тоҳир Умаров (1929-1975), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

• 26 ФЕВРАЛ •

Карим Абдулов (1939-2011), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, нависанда, Қорманди шоистаи Тоҷикистон.

Саидалӣ Воҳидов (1954), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Нозим Сафаров (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

• 27 ФЕВРАЛ •

Иван Добров (1924-1988), 100-солагии зодрӯзи роҳбари мусиқӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Раҳматулло Қурбонов (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ.

Назаршоҳ Муносибов (1934- 2000), 80-солагии зодрӯзи коргардони телевизион.

Мунира Обидова (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 28 ФЕВРАЛ •

Соҳибсултон Алиназарова (1944), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии **Тоҷикистон.**

Ғарибшо Ақназарбеков (1954), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Асадулло Ғуломов (1954-2010), 70-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Музаффар Олимов (1919-1991), 105-солагии зодрӯзи журналист, Қорманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Хусравбек Рақамов (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Мақсуди Ҳусейн (1954-2000), 70-солагии зодрӯзи журналист, суратгир, нависанда.

Лариса Юсуфова (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРУШАМ

► ҲАВЛӢ

► Фавран фурӯхта мешавад! Ҳавлӣ, 2 дар хона, ошхона, ҳаммом, сауна, бассейн, ҳоҷатхона, ҳамзамон фундаменти тайёр барои сохтмони хонаи 2-ошёна: дохили фундамент аз санги тоза пур карда шудааст, дарвозаи 5-метра. Масоҳаташ 10 сотих, масолеҳи сохтмонии дохили ҳавлӣ ба нархи он дохил мегардад. Хона 1 км аз роҳи калон ҷойгир аст, дар паҳлуяш мактабу мағоза, масҷид, нарх 450 000 сомонӣ. Тел.: 559-07-95-95

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба ронанда, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем, синну сол то 30-сола. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ-инвентарӣ, №26364, варақаи қайд №2840 л/с, ба номи Файзулоев Негмат, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ, хонаи 249, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ТША №0257107, ба номи Ҷамолиддинзода Сайёра Ҷамолиддин (собиқ Сайёраи Ҷамолиддин), ки соли 2008 аз МТМУ №43-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият таҳти феҳристи №1Ш-50 аз санаи 02.06.2011 ба номи Болтаев Алишер Нишонович, ки аз тарафи нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Темурмалики вилояти Хатлон ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0246250, рақами қайд №3302 ба номи Искандарова Манижа Хуршедовна, ки соли 2019 аз ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии гумшуда, бо суроғаи Гипрозем 36, ҳуҷраи 138, дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз санаи 21.06.2021 таҳти рақами 8ш -2780 ба шаҳрванд Нурматова Махбуба Исроиловна тааллуқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Рахматов Мухамадали, РЯМ: 0730192385, РМА: 075440833, ки аз 17.07.2017 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот, №016520/2018 ба номи Эшонқулов Шаҳром Сафарбекович, ки соли 2018 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А2345188, ба номи Мусоев Ҷурахон Авронович, ки санаи 29.03.2003 аз ШВКД ш. Кӯлоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1ш-1352 аз 8-уми октябри соли 2013 ба номи Нуров Зафар Валиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. А. Адҳамов (собиқ Попов), хонаи 3, ҳ. 7, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0412069 ба номи Раҷабов Азизҷон Бойевич, ки соли таҳсили 2016-2017 аз ҷониби МТМУ №37-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо феҳристи №6055, инвентари 008/9653 ба номи Исламов Акбар, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки Навобод, к. Айнӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Хоҷагии деҳқонии замини экологӣ", РЯМ: 0710011665, РМА: 070018717, ки аз 13.01.2023 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Гадоев Идрис Шодиевич, бо суроғаи кӯчаи Нурулло Ҳувайдуллоев 137/1, ҳуҷраи 5, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, бо реестри №10777, инвентарӣ №72290, ба номи Азизов Муким, н. Рӯдакӣ, уч. Ҷӯйбодом, ҷамоати Чортеппа №327, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонотӣ, 2023/83, ба номи Назруллоев Мустафо Рустамович, ки соли 2023 аз Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Атаханова Тахмина, РЯМ: 0730056195, РМА: 075241103, ки аз 26.01.2012 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш-1196, ки аз 06.08.2020 дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 24/1, ҳ. 9 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши идора (офис) таҳти феҳристи 2ШД-1085, ки аз 19.10.2018 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Маҳмадов Маҳмудҷон Мирзохоҷаевич воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 3 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-123, ки аз 19.02.2021 дар Идораи нотариалии давлатии ш. Ҳисор ба номи Бобоева Инобат Исмоиловна бо суроғаи ш. Ҳисор, кӯчаи Амиршоев, хонаи 46 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи бинои талаботҳои истеҳсолӣ таҳти феҳристи рақами 9Ш-1647, ки аз 30.12.2020 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Норова Ҳикмат Тоҳировна, бинои талаботҳои истеҳсолӣ воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 353 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳристи рақами Шг-243 аз 30.06.2021, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Норова Ҳикмат Тоҳировна ба номи писараш Норов Муҳамади Амонович тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Саид 2011", РЯМ: 3310007049, РМА: 330011305, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Иттиҳодияи ҷамъиятии Ташкилоти ҷамъиятии ташаббусҳои иҷтимоии Тоҷикистон "Ҷуянда" таҳти рақами қайди ИҶ 2078, аз санаи 21.10.2023 барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии "Фируз Ҷ", РЯМ: 3310003125, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Намозқул", РЯМ: 3310003235, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Programme Associate (2 posts), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16531/FTA/G6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 March 2024 NY time.**
- **Laboratory Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16530/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 6 March 2024 NY time.**
- **Project Climate Change Officer, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16431/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 4 March 2024 NY time.**
- **Project Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16456/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 5 March 2024 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

Муҳамадӣ Исоев:

ДАР СОЛИ 2024 ҲАМ САМАРАНОК ФАЪОЛИЯТ МЕКУНЕМ

СИЁСАТИ АНДОЗ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ МУҲИМИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ БУДА, БОЯД БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР БО РОҲИ ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ФАЗОИ МУНОСИБИ СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ, ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ, ПЕШ АЗ ҲАМА СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ, ТАШКИЛИ ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ, ТАҲКИМИ ИҚТИДОРИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ КИШВАР, ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ РАВОНА ШУДА, БАРОИ ЗИЁД ГАРДИДАНИ МАНБАЪҲОИ НАВИ АНДОЗБАНДӢ ВА ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ МУСОИДАТ НАМОЯД. ИН ҶАНБАҲОИ МУҲИМ АЗ ҶОНИБИ РОҲБАРИЯТУ КОРМАНДОНИ НОЗИРОТИ АНДОЗ ДАР НОҲИЯИ ДӮСТӢ БА ЭЪТИБОР ГИРИФТА ШУДА, ПАЙИ РОҲАНДОЗИЯШОН ЧОРАҲОИ АМАЛӢ АНДЕШИДА МЕШАВАД.



Муҳамадӣ Исоев, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ

Бино ба иттилои сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ Муҳамадӣ Исоев, дар соли 2023 супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Дӯстӣ, амру фармонҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати андози вилояти Хатлонро роҳнамои фаъолият қарор дода, нисбати вазифаҳои ба зимма гузошташуда доир ба иҷро намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва вусъат бахшидан ба рушди иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ тадбирҳои мушаххас андешидаанд.

Иҷрои нақшаи андозҳо

Зикр гардид, ки дар соли 2023 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 107,1% таъмин гардида, ба ҷойи 58411,0 ҳазор сомонии пешбинишуда ба буҷет 62591,4 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 4180,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва нисбат ба маблағҳои ҷамъоваригардидаи воқеан дар ҳамин давраи соли 2022 ба буҷет пардохтшуда ба маблағи 10831,4 ҳазор сомонӣ ё баробар ба 121,0% мебошад.

Иҷроиши нақшаи андозҳо бе назардошти андози иҷтимоӣ 106,0% таъмин гардида, ба ҷойи 48409,8 ҳазор сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷет 51398,4 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 2988,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва нисбат ба маблағҳои ҷамъоваригардидаи воқеан дар ҳамин давраи соли 2022 ба буҷет пардохтшуда ба маблағи 9197,7 ҳазор сомонӣ ё баробар ба 121,7% бештар мебошад.



Иҷроиши нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 112,0% таъмин гардида, ба ҷойи 10002,3 ҳазор сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 11193,4 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 116 9,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва нисбат ба маблағҳои ҷамъоваригардидаи воқеан дар ҳамин давраи соли 2022 ба буҷет пардохтшуда ба маблағи 1627,0 ҳазор сомонӣ ё баробар ба 117,0% бештар мебошад.

Иҷроиши нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ 105,2% таъмин гардида, ба ҷойи 13848,0 ҳазор сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 14580,4 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 732,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва нисбат ба маблағҳои ҷамъоваригардидаи воқеан дар ҳамин давраи соли 2022 ба буҷет пардохтшуда ба маблағи 2252,8 ҳазор сомонӣ ё баробар ба 120,8% бештар мебошад.

Дар соли 2023-юм нақшаи 7 намуди андози дар нақша пешбинишуда пурра таъмин карда шудааст.

Бақияи қарзи андозҳо

Бино ба гуфтаи Муҳамадӣ Исоев, масъалаи бақияи қарзи андозҳо яке аз масъалаҳои асосии мавриди назари мутахассисони Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ мебошад. Дар аввали соли 2024 бақияи қарзи андозҳо дар нозироти андоз дар маҷмуъ 5 миллиону 363 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли гузашта ба маблағи 74,6 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андосупорандагони қарздор дар давраи ҳисоботӣ ба унвонии 163 адад андозсупоранда огоҳиномаи қарздорӣ ба маблағи 3099,0 ҳазор сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб 1840,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки 59,4% маблағи огоҳиномаҳоро ташкил медиҳад.

Дар соли 2023 нисбати 105 адад андозсупорандагони қарздор 119 адад қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 3031,4 ҳазор сомонӣ қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба даромади буҷет маблағи 2414,9 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст, ки 79,6%-и маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ барои вайрон намудани қонунгузории соҳаи андоз нисбати 128 ҳуқуқвайронкунанда ба маблағи 256,1 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардида, аз ин ҳисоб 116,1 ҳазор сомонӣ ва ё 45,3% ба даромади буҷет рӯёнида шудааст, ки аз он ҷумла тибқи моддаи 620, 623 КҲМ ҶТ нисбати 45 нафар роҳбарон барои сари вақт пардохт накардани андози иҷтимоӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст.

- Мо кормандони нозироти андоз уҳдадор мешавем, ки дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, кӯшиш менамоем, ки дар соли 2024 ҳам самаранок фаъолият намуда, вазифаҳои ба зимма доштаамонро доир ба пурра ва барзиёд иҷро намудани нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» иҷро намоем,- мегӯяд сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ Муҳамадӣ Исоев.

Машраби АЛОВИДДИН



Ордену медал

Писарбачае бари синаи мардеро пур аз ордену медал дида, бо тааҷҷуб аз падараш мепурсад:

- Дадаҷон, ин амак ин қадар ордену медалро аз куҷо гирифтааст?

- Аз ҷанг,- ҷавоб медиҳад падар.

- Шумо ҳам ҳар рӯз бо модарам ҷанг мекунед, чаро ягон орден надоред?,- мегӯяд писарча.

Полковник

Марде ба як ширкати калон ба кор медарояд. Чор рӯз пайи ҳам ба кор дер мекунад. Рӯзи чорум роҳбар ӯро даъват карда, мепурсад:

- Шумо хизмати аскарӣ кардаед?

Мард дар ҷавоб:

- Бале, хизмат кардаам.

Роҳбар боз мепурсад:

- Ягон бор ба саф дер карда будед?

Мард мегӯяд:

- Ҳа, чандин бор.

Роҳбар мепурсад:

- Старшина ба шумо чӣ мегуфт?

Мард мегӯяд:

- Старшина мегуфт, ки “Рӯз ба хайр, рафиқ полковник!”.

Аскар

Офитсер аз аскари қаторӣ сабаби ба хизмат омада-нашро мепурсад. Аскар дар ҷавоб:

- Аввалаш, Ватанамро ҳифз кардан мехоҳам.

- Дуруст,- ба вақд меояд офитсер.

- Дуюмаш, хизмат мардро бақувват мекунад.

- Бале!

- Сеюмаш, хоҳиши маро напурсида, ба инҷо оварданд,- мегӯяд аскар.

Масофаи иҷтимоӣ

Дар толори суд аз судшаванда мепурсанд:

- Судшаванда, шумо ба гардан гирифтан намехоҳед, ки аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегурехтед?

Судшаванда мегӯяд:

- Не, рафиқ судя, ман танҳо масофаи иҷтимоиро риоя мекардам.

Артиши миллӣ

Падару модар дар рӯзи 23-юми феврал ба писари худ мегӯянд:

- Бачаҷон, Рӯзи Артиши миллӣ муборак!

Писар дар ҷавоб:

- Дада, оча, нияти бад накунед, шояд ҳоло ман дохил мешавам!

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

Асал ба ҷойи шакар

(Илҳом аз як нишасти матбуотӣ)

Вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир дар нишасти матбуотӣ гуфт:

- Шакар барои саломатӣ зиёновар буда, даст кашидан аз истеъмоли он ба суди саломатии аҳолӣ аст. Тавсия медиҳам, ки аз истеъмоли шакари воридотӣ даст кашида, мардум ба асали ватанӣ рӯй оранд.

Мундонӣ, ки онҷо менишаст, гуфт:

- Маслиҳати хуб, вале фақат вақте иҷро мешавад, ки агар нархи асалро ба нархи шакар баробар кунед.

Фурӯшандагони об

Деҳқоне аз дарё пурсид:

- Дарёҷон! Магар ту ҳам обро гарон мехарӣ, ки арзиши онро якбора якуним баробар боло бурдӣ?

- Валлоҳ, ман он тур ки равон будам, равонам,- гуфт дарё,- то имрӯз аз касе барои об пул нагирифтаам.

- Пас чаро нархи оби ту барои мо деҳқонон якбора боло рафт?,- боз ноумедона суол кард.

Дарё гуфт:

- Аз фурӯшандагони об пурс.

Туро касе намехарад

Ба идорае барои кор муроҷиат кардам, ки дар он дӯсти замони бачагиам раис буд. Баъд аз қабул ва салому алейк гуфт:

- Ба ман одаме даркор аст, ки содиқ бошад ва маро ҳеҷ гоҳ нафурӯшад.

- Аз ин ҷиҳат бепарво бош раис, бепарво. Агар хоҳам ҳам, ман туро фурӯхта наметавонам,- гуфтам бо итминон.

- Чӣ хел наметавонӣ?,- бо ҳайрат пурсид.

Гуфтам:

- Чунки туро касе намехарад раис, намехарад.

Мо 9 моҳ ҳомилаем, шумо як умр

Бо як дӯсти азимҷуссаам саргармии суҳбат будем. Ин вақт бонуи ҳомилае ба мо салом дода, баъд аз ҳолпурсӣ ба роҳаш идома доданӣ буд, ки рафиқам бо шӯхӣ гуфт:

- Роҳгардӣ азоб будагист? Хуб нест, ки дар хона шинед?

Зан ба шиками рафиқи ман ишора карда, хандиду гуфт:

- Дилатон ба ҳоли ман не, ба ҳоли худатон сӯзад. Мо бо чунин шикам ҳамагӣ 9 моҳ мегардем, войи шумо мардҳо, ки маҷбуред бо чунин шикам як умр гардед.

Сигори занона

Рафиқам сигори борикеро даргиронида, ба дуд додан шуруъ кард. Ман эрод гирифта, гуфтам:

- Ту ки мардӣ, чаро сигореро мекашӣ, ки барои бонувон пешбинӣ шудааст?

Норозиёна гуфт:

- Занҳо ҳама касбу кори мо, аз ҷумла мошинсаворӣ, раисӣ, устоӣ... ва ҳатто боданӯширо гирифтанд, ҳеҷ гапе нашуду акнун мо сигори онҳоро кашем, гап мешавад?



Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

Сканворд

